## Вазъи низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон
## ба санаи 31 марти соли 2024

Ба ҳолати 31 марти соли 2024 дар низоми суғуртаи кишвар 16 адад ташкилоти суғуртавӣ, аз ҷумла 1 адад ташкилоти суғуртавии давлатӣ ва 15 адад ташкилоти суғуртавии ғайридавлатӣ фаъолият менамоянд. Аз ин теъдод як ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба фаъолияти азнавсуғуртакунӣ низ машғул мебошад.

Шумораи умумии филиалҳои ташкилотҳои суғуртавии кишвар бошад, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ бе тағйир боқӣ мондааст.

**Ҷадвали 1. Сохтори низоми суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*(адад)*

| | *31.03.2023* | *31.03.2024* | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** | 16 | 16 | 0 |
| **ташкилоти суғуртавии давлатӣ** | 1 | 1 | 0 |
| **ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ** | 15 | 15 | 0 |
| **ташкилоти азнавсуғуртакунӣ**[1] | 1 | 1 | 0 |
| **Филиалҳо** | 66 | 66 | 0 |

**Дороиҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар семоҳаи якуми соли 2024 ба 949,5 млн сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 165,2 млн сомонӣ ё 21,1 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Ҳиссаи дороиҳои низоми суғурта нисбат ба дороиҳои умумии низоми молиявии кишвар дар ин давра ба 2,3 фоиз баробар шуда, нисбат ба ММД бошад, 0,7 фоизро ташкил намуд.

**Уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар семоҳаи якуми соли 2024 маблағи 401,4 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба семоҳаи якуми соли 2023 ба 29,8 млн сомонӣ ё 8,0 фоиз афзоиш ёфтаанд.

**Маблағҳои худии (сармояи)** [1] **ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар семоҳаи якуми соли 2024 ба маблағи 548,1 млн

[1] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 135,4 млн сомонӣ ё 32,8 фоиз зиёд гардиданд, ки нишондиҳандаи мазкур асосан аз ҳисоби афзоиши сармояи оинномавӣ, инчунин фоидаи тақсимнашуда ва сармояи захиравӣ ба амал омадааст.

**Сармояи (фонди) оинномавии** ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба ҳамин сана 386,4 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба семоҳаи якуми соли 2023 ба 111,1 млн сомонӣ ё 40,4 фоиз зиёд шудааст.

**Миқдори умумии шартномаҳои басташуда** дар моҳҳои январ-марти соли 2024 ба 492,0 ҳазор адад баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба миқдори 38,0 ҳазор адад ё 7,2 фоиз кам мебошад.

**Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** ба санаи 31 марти соли 2024 маблағи 133,3 млн сомониро ташкил дод. Аз нишондиҳандаҳо бармеояд, ки мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) раванди афзоишёбии устуворро касб намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 ба андозаи 13,1 млн сомонӣ ё ин, ки 10,9 фоиз зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 2. Воридоти мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) аз рӯи шаклҳо**

*(бо ҳазор сомонӣ)*

| Шаклҳои суғурта | *31.03.2023* | *31.03.2024* | Тағйирёбӣ | Бо фоиз |
|---|---|---|---|---|
| **Ҳатмии давлатӣ** | 274,9 | 454,0 | 179,1 | 65,2 |
| **Ҳатмӣ** | 19 123,6 | 19 326,8 | 203,2 | 1,1 |
| **Ихтиёрӣ** | 100 836,7 | 113 551,5 | 12 714,8 | 12,6 |
| **Ҳамагӣ** | **120 235,2** | **133 332,3** | **13 097,1** | **10,9** |

**Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ)** дар семоҳаи якуми соли 2024 ба 5,3 млн сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 1,4 млн сомонӣ ё ин, ки 34,0 фоиз афзоиш ёфтааст.

**Хавфҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар моҳҳои январ – марти соли 2024 маблағи 108,8 млрд сомониро ташкил доданд, ки он дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ ба андозаи 26,2 млрд сомонӣ ё 31,8 фоиз зиёд шудааст.

Дар робита ба ин, хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ ба санаи 31 марти соли 2024 95,7 млрд сомониро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023 25,9 млрд сомонӣ ё 37,0 фоиз афзоиш ёфтаанд.

Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи низоми суғурта бошад, дар семоҳаи якуми соли 2024 ба 53,7 млн сомонӣ баробар шуда, ин нишондиҳанда дар қиёс ба ҳамин давраи соли қаблӣ 4,9 млн сомонӣ ё 10,0 фоиз зиёд мебошад.

**Захираҳои суғуртавӣ**, ки далели саривақт иҷро гардидани уҳдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мебошанд, дар санаи ҳисоботӣ афзоиши назаррас дошта, ба маблағи 290,3 млн сомонӣ баробар гардиданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2023 ба андозаи 30,3 млн сомонӣ ё 11,6 фоиз зиёд шуданд.

**Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** аз рӯи натиҷаи се моҳи соли 2024 ба 40,0 млн сомонӣ баробар шуд, ки дар муқоиса ба семоҳаи якуми соли 2023 ба маблағи 7,0 млн сомонӣ ё 21,0 фоиз афзудааст.

Дар семоҳаи якуми соли 2024 ҳаҷми пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар 87,4 млн сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 40,0 млн сомонӣ ё 84,7 фоиз афзоиш ёфтааст. Раванди мазкур саҳми бозори суғуртаро дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар зиёд намуда истодааст.

Нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми суғуртаи кишвар аз рӯи дороиҳо **(ROA)** дар семоҳаи якуми соли 2024 ба ҳисоби миёна 4,2 фоизро ташкил дода, аз рӯи сармоя **(ROE)** бошад, ба 7,3 фоиз баробар гардид.